**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Мухтор Аҳмадҷон дар мавзуи «Хусусиятҳои ташкил ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография пешниҳод шудааст.**

Дар марҳилаи кунунии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ба сифати яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ арзёбӣ мегардад. Дар чунин шароит нақши захираҳои инсонӣ ҳамчун унсури меҳварии рушди институтҳои давлатӣ ва омили муайянкунандаи сифати хизматрасонии давлатӣ беш аз пеш меафзояд. Самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ на танҳо аз такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, балки аз ташкили дурусти сиёсати кадрӣ, рушди иқтидори касбӣ ва истифодаи босамари захираҳои инсонӣ вобастагии амиқ дорад.

Таҳқиқоти пешниҳодшуда дар заминаи омӯзиши васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ иҷро гардида, муаллиф тавонистааст равишҳои муосири идоракунии захираҳои инсонӣ, сармояи инсонӣ ва сиёсати кадриро ҷамъбаст намуда, дар асоси онҳо муносибати илмии худро нисбат ба масъалаи таҳқиқшаванда ташаккул диҳад.

Дар автореферат ба таври муфассал нишон дода шудааст, ки рушди босуботи низоми хизмати давлатӣ бе ташкили механизми самараноки ташаккул, истифода ва рушди захираҳои инсонӣ ғайриимкон мебошад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки тағйироти иқтисодӣ, густариши иқтисоди рақамӣ ва афзоиши талабот ба сифати идоракунии давлатӣ зарурати таҷдиди сиёсати кадриро ба миён овардааст.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳимми таҳқиқот истифодаи васеи таҳлилҳои институтсионалӣ мебошад. Муаллиф фаъолияти мақомоти давлатӣ, заминаҳои ҳуқуқии идоракунии кадрҳо, таҷрибаи мақомоти ваколатдори давлатӣ ва низоми омодасозию бозомӯзии хизматчиёни давлатиро мавриди омӯзиши комплексӣ қарор додааст. Ин равиш имкон додааст, ки мушкилоти мавҷудаи сиёсати кадрӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва идоракунӣ ҳамаҷониба арзёбӣ карда шаванд.

Диққати махсус сазовори он аст, ки муаллиф таҷрибаи давлатҳои пешрафтаро дар самти идоракунии захираҳои инсонӣ омӯхта, имкониятҳои истифодаи унсурҳои самараноки моделҳои хориҷиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст. Хусусан таҳлили моделҳои англо-амрикоӣ,

континенталӣ ва омехтаи идоракунии кадрҳо сатҳи баланди омодагии назариявии муаллифро нишон медиҳад.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар асоснок намудани муносибати комплексӣ нисбат ба ташкили механизми идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатӣ ифода меёбад. Пешниҳодҳои илмии муаллиф оид ба такмили сиёсати кадрӣ, рушди низоми арзёбии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, баланд бардоштани нақши такмили ихтисос, такмили механизми интихоби кадрҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ дорои аҳаммияти назаррас мебошанд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот низ қобили таъкид мебошад. Пешниҳодҳои илмии дар диссертатсия асоснокгардида метавонанд ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатии рушди хизмати давлатӣ, стратегияҳои сиёсати кадрӣ ва инчунин дар фаъолияти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун маводи таълимӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои «Идоракунии захираҳои инсонӣ», «Иқтисодиёти меҳнат», «Менеҷменти давлатӣ», «Сиёсати кадрӣ» ва дигар фанҳои иқтисодию идоракунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳимми рисола истифодаи васеи маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлили фаъолияти мақомоти давлатӣ ва пайвастани масъалаҳои назариявӣ бо таҷрибаи амалии идоракунии давлатӣ мебошад. Ин хусусият сатҳи баланди эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин менамояд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, дар таҳқиқот баъзе масъалаҳое низ ба назар мерасанд, ки метавонанд дар корҳои минбаъдаи илмии муаллиф такмил дода шаванд.

1. Баъзе пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба рушди хизматчиёни давлатӣ татбиқи дарозмуҳлатро пешбинӣ менамоянд. Таҳияи нақшаҳои марҳилавии амалисозии онҳо имконияти истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам васеътар мегардонид.

Эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти илмӣ, навгонии назариявӣ ва арзиши амалии таҳқиқоти анҷомёфтаро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Мухтор Аҳмадҷон аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф таҳқиқоти мустақили илмии анҷомёфтаро пешниҳод намуда, масъалаҳои муҳимми иқтисодиёти меҳнат ва идоракунии захираҳои инсонӣ дар низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст.

Хулоса, диссертатсияи мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф Аҳмадзода Мухтор Аҳмадҷон барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** **Аҳадов И.Қ.**

Имзои Аҳадов И.Қ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М. А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Нахимов 64/4, Телефон: +992 37 231 0843, E-mail: info@ tgfeu.tj. Сомона: info@tgfeu.tj

«_8_» _08_ соли 2026